**Суратмаҷлиси № 4**
**аз ҷаласаи шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ**

**аз 24.05.2024**

**Иштирок доштанд:** Искандаров А., Муҳаммад А.Н., Саидов А.С. Сангинов Н., Зиёӣ Х.М., Шозедов Х.,Ҷонмаҳмадов Ф., Зиёзода Н., Саидова Ф.С., Мамадназарова А.

**Рӯзномаи маҷлис:**

1. Муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯи шуъба Ҳакимов Ҷамолудин Абдураҳмонович дар мавзӯи **“Идеологияи сиёсии ҳаракати “Толибон” ва таъсири он ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон”.**
2. Масъалаҳои ҷорӣ

**Шунида шуд:**

Ҷаласаро мудири шуъба доктори илмҳои сиёсӣ А.Искандаров оғоз намуда, қайд карданд, ки унвонҷӯ Ҳакимов Ҷ.А. тамоми маводҳои заруриро ба ҷаласа пешниҳод намудааст.

Ҳоло сухан ба унвонҷӯ Ҳакимов дода мешавад, ки дар бораи самтҳои асосии рисолаи ба анҷомдодааш ба муҳокимаи Шумо пешниҳод намояд. “Матни баромад илова карда мешавад”.

1.Сангинов Н.Н. н.и.с., қайд намуд, ки ман матни пурраи рисоларо омухтам ва ба назари ман баъзе камбудиҳо ва норасоиҳои рисолаи илмиро бояд ислоҳ намояд.Аз ҷумла як зербоб ба масъалаи сиёсати “Девбандия” бахщида шудааст, ки ба назари ман бояд номи ҳамин зербоб дигар карда шавад.Ғайр аз ин якчанд эродҳои дигаре буданд, ки ман ба таври хаттӣ ба унвонҷӯ пешниҳод намудам ва бояд иброз намуд,ки ин камбудиҳо ислоҳи худро ёфтанд.

2.Саидов А.С. д.и.ф.,сарходими илмии шуъба дар баромади худ актуалӣ будани масъалаҳоро қайд намуда, изҳор намуд,ки унвонҷӯ ба мавзуи рисола аз наздик шинос буда, чандин мақолаҳои илмӣ ва оммавӣ навиштааст, шаҳодати онанд,ки ин масъаларо хуб медонанд. Бисёр хуб мешуд, ки хулосаҳои ҳар боб мухтасартар пешниҳод мешуданд.Дар маҷмуъ кори илмӣ ба талабот ҷавобгӯ аст ва ман пешниҳод менамоям,

ки дар шурои диссертатсионӣ пешниҳод карда шавад.

3.Узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои сиёсӣ Муҳаммад А.Н., иброз доштанд, ки албатта рисолаи илмӣ ҷавобгӯ ба талаботҳо мебошад ва таҳлилҳои гузаронидашуда барои дар оянда истифода бурдан бисёр муфиданд.Ба назари ман ба мундариҷаи кори илмӣ баъзе тағиротҳо ворид кардан зарур аст.

4.Зиёӣ Х.М. д.и.ф. дар бораи муҳтавои кори илмӣ сухан ронда, қайд намуд, ки рисолаи Ҳакимов кори илмии ба итмом расонида мебошад ва ман ҳамчун роҳбари илмӣ эродҳои донишмандонро дуруст мешуморам ва фикр мекунам, ки унвонҷӯ камбудиҳои дар боло зикршударо ислоҳ менамояд.Унвонҷӯ Ҳакимов таҳлилгари пухтакор, донишманд ва заҳматкаш аст.Рисолаи навиштаи ин кас барои вусъати илми тоҷик зарур аст.

Мудири шуъба А.Искандаров натиҷаи баромади кормандони илмии шуъбаро ҷамъбаст намуда, дар бораи афзалияти рисолаи илмӣ қайд намуда, пешниҳодҳоро тарафдорӣ намуд.

## МАҶЛИС ҚАРОР КАРД:

1. Рисолаи илмии Ҳакимов Ҷамолудин Абдураҳмонович ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод карда шавад.
2. Хулосаи шуъба тасдиқ карда шавад.

**Мудири шуъба** **А. Искандаров**

**Котиба** **А. Мамадназарова**